Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5, бинои таълимии "В")

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, доктори фарсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит и.в. дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Манучеҳри Нозимии Рачабзода ба диссертатсияи Бобомуродов Пайрав Хайриевич дар мавзуи «Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит мутобиқ мебошад: 1.19. Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои мақсадноки баҳисобгирии муҳосибӣ. 1.23. Баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) дар корхонаҳои шаклҳои ташкилию ҳуқуқияшон гуногун, ҳамаи соҳаҳо ва сатҳҳо. 1.24. Вижагии ташаккули ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) дар соҳаҳо, минтақаҳо ва дигар бахшҳои фаъолияти хоҷагидорӣ. 1.29. Ташкили

баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) аз рӯйи бахшҳо, бизнес-ҷараёнҳо ва сохторҳои таркибӣ. 1.32. Проблемаҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот (кор, хизмат)

Мубрамияти мавзӯи диссертатсия

Таҳқиқоти диссертатсионии Бобомуродов Пайрав Хайриевич, ки ба мавзӯи «Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» бахшида шудааст, яке аз мавзуҳои актуалӣ ва саривақтии иқтисодиёти имрӯзаи мамлакат ба ҳисоб меравад. Дар шароити имрӯзаи рушди муносибатҳои иқтисоди бозорӣ такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) яке аз омилҳои асосӣ ва муҳими расидан ба ҳадафҳои стартегии давлат ва дар натиҷа расидан ба амнияти озуқаворӣ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) вазифаи асосии бахши давлатии иқтисодиёт дар самти сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии давлат ба ҳисоб меравад.

Чи тавре, ки Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни паёми худ дар таърихи 26.12.2021 сол ба Маҷлиси Олии кишвар оид ба моҳияти соҳаи кишоварзӣ, бахусус хоҷагиҳои деҳқонӣ, роҳбари давлат қайд намуда буданд, ки дар замони соҳибистиқлолӣ дар кишвар зиёда аз 112 ҳазор гектар боғу токзори нав бунёд гардидааст, ки ҳоло дар ҳифзи амнияти озуқавории мамлакат, бо ҷойи корӣ таъмин намудани аҳолӣ, рушди содирот ва бо ашёи хом таъмин кардани саноати хӯрокворӣ нақши назаррас бозида истодааст. Бо ин мақсад, минбаъд афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бисёр муҳим буда, истифодаи самараноки обу заминҳои корам, технологияҳои инноватсионӣ ва агротехникаи

пешрафта, аз ҷумла, бунёди боғҳои интенсивӣ бояд таъмин карда шавад. Вобаста ба ин, масъулини соҳа, шуруъ аз роҳбарони вилоятҳо то ҳар як кишоварз вазифадор гардиданд, ки истифодаи самараноки заминҳоро таъмин намоянд. Дар робита ба ин, оид ба тааллуқ доштани замин ба хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд кардаанд: «Дар соҳаи кишоварзӣ ҷиҳати истифодаи самараноки обу замин ва ҳифзи амнияти озуқавории мамлакат бори аввал дар таърихи давлати соҳибихтиёрамон ислоҳоти куллӣ гузаронида шуда, истифодаи замин ба соҳиби аслии он – деҳқон вогузор гардид, ки яке аз дастовардҳои муҳимтарини даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад»

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз оид ба проблемаи баррасишаванда таҳқиқоти пурра гузаронида нашудааст, ки боиси такмили баҳисобгирии муҳосибӣ дар самти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) гардида бошад, дар ин замина муҳимияти мавзӯи таҳқиқшаванда ва арзиши илмии он асоснок карда шавад.

Дар шароити имрӯзаи рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ, ки бо дороиҳои биологӣ сару кор доранд, ҳангоми ташкили баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ ба талаботҳои СБҲМ такя намудан лозим мебошад, зеро иттиллоте, ки мувофиқи ин талаботҳо ташаккул дода мешаванд, ҳам барои истифодабарндагони берунӣ ва ҳам барои менеҷменти корхона зарур мебошад. Дар баробари ин, муқараротҳои назариявӣ, ки ба ҳалли масъалаҳои ташкилӣ-методӣ ва амалии мукамалгардонии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мусоидат мекунанд, пурра коркард карда нашудаанд. Бинобар ин, зарурати таҳқиқоти рушди асосҳои консептуалӣ ва ҷанбаҳои ташкилӣ-методии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) пеш меояд. Гуфтаҳои боло, аз рузмарра ва муҳим будани мавзуи диссертатсионӣ шаҳодат медиҳад.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд

Натиҷаҳои таҳқиқот, ки ҳамчун навгониҳои илмӣ дар диссертатсия пешниҳод карда шудаанд ва дар шакли хулоса ва тавсияҳо баён гардидаанд, бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, таҳлили маълумот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, коркарди методикаи такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) тасдиқи худро ёфтаанд.

Навгонии илмии таҳқиқотро асосноккунии заминаҳои назариявию методӣ ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ташкил менамояд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки навгониҳои илмиро дар бар мегиранд, инҳо мебошанд:

– моҳияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар ҳама гуна шароит, аз ҷумла шароити иқтисоди бозорӣ муайян карда шуд, нақши калидии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар таъмини амнияти озуқавории мамлакат ошкор гардида, дастгирии давлатии ин хоҷагиҳо муҳим арзёбӣ карда шуд, асоснок гардид, ки самаранокии идоракунии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба низоми комили баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста мебошад, муайян гардид, ки барои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) низоми мушаххаси ҳисобдорӣ зарур мебошад, зарурати истифодабарии шакл ва усулҳои муносиби баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) асоснок карда шуд, ошкор гардид, ки барои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ҳамчун субъектҳои мустақили бахши аграрии иқтисоди миллӣ асосҳои ташкил, пешбурд ва ҷамъбасти баҳисобгирии муҳосибӣ бояд мушаххас гардонида шавад ва дар онҳо бартариҳои рақамикунонӣ васеъ истифода гардад;

– дар натиҷаи таҳқиқ, заминаҳои консептуалии омодакунӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) муайян карда шуд, вобаста ба ҳаҷми хоҷагиҳои деҳқонӣ, истифодаи методикаи мушаххаси пешбурди баҳисобгирии муҳосибии объектҳо муҳим арзёбӣ гардид, зарурати татбиқи муқаррароти алоҳидаи “Дастурамали пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳияи ҳисоботи мӯҳосибӣ” барои хоҷагиҳои деҳқонӣ ошкор гардид, заминаҳои методологии баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ муайян гардида, мутобиқ будани он ба консепсияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ карда шуд, аҳаммияти татбиқи СБҲМ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ҷиҳати рушди иқтисодии онҳо асоснок гардид, дар асоси муқаррароти СБҲМ (IAS) 41 «Кишоварзӣ» дороиҳои биологии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фаҳмишҳои асосӣ гурӯҳбандӣ гардида, тартиби баҳодиҳии онҳо тавсиф карда шуд, низоми мукаммали назорати дохилӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ дақиқ гардид, барномаи низоми назорати дохилӣ ва методикаи амалкарди низоми назорати дохилӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ таҳия гардиданд;

– натиҷаи таҳлили ҳолати баҳисобгирии муҳосибӣ ва пешниҳоди ҳисоботи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и ватанӣ гуногунрангии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла нокифоятии фаъолияти хадамоти ҳисобдорӣ дар аксарияти онҳо ошкор гардид, муайян гардид, ки низоми комили баҳисобгирии муҳосибии хоҷагии деҳқонии (фермерӣ)-и «Масчоҳ» барои дигар хоҷагиҳои деҳқонии водии Зарафшон тавсия карда мешавад, мушкилоти хадамоти баҳисобгирии муҳосибии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ошкор гардид, аз ҷумла: истифодаи нокифояи нигоҳдорандаҳои иттилооти ҳисобдорӣ, шароити номуносиби пеш бурдани корҳои ҳисобдорӣ, истифодаи афзалиятҳои техникаҳои рақамии соҳаи ҳисобдорӣ аз ҷониби шумораи ками хоҷагиҳои деҳқонӣ;

– асоснок гардид, ки такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба коркард ва истифодаи ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ва сабткунакҳо вобаста мебошад, барои такмили методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) амсилаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ коркард ва таҳия карда шуданд, аз ҷумла: а) амсилаи умумии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ; б) амсилаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар шароити рақамикунонӣ; в) амсилаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳияи ҳисобот дар хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст.

Сохтори диссертатсия ва мазмуну мундариҷаи он

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва замима иборат аст. Дар маҷмуъ матни диссертатсия 194 саҳифаро ташкил дода, аз 25 ҷадвал, 18 расм, 3 диаграмма иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзӯҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзӯи таҳқиқот, фарзияҳои таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, сарчашмаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудааст.

Боби якуми диссертатсия ба “Ҷанбаҳои назариявии баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)” бахшида шуда, дар он масъалаҳои нақш ва аҳаммияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар рушди иқтисоди миллӣ, асосҳои назариявию меъёрии шакл ва усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ),

заминаҳои консептуалии таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дида баромада шудааст.

Дар диссертатсия мушкилоти ба рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ таъсиррасон ошкор карда шуда, роҳҳои бартараф намудани он пешниҳод карда шудааст (с. 16-18). Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки фаъолияти деҳқонӣ ин амалигардонии неруи инсонист, ки дар омезиши дурусти омилҳои истеҳсолӣ ва омилҳои асосии зери хавф ифода меёбад (с. 24). Дар заминаи таҳлили назариявию меъёрии шакл ва усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) барои сари вақт пешбурди корҳои ҳисобдории хоҷагии деҳқонӣ мушкилӣ эҷод накунад ва самаранок истифодабарии вақт таъмин гардад, низоми коркарди иттилооти ҳисобдорӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (с. 31) таҳия карда шуда, номгӯйи сабткунакҳои баҳисобгирӣ пешниҳод карда шудааст (с. 38-39). Дар диссертатсия дуруст қайд карда шудааст, ки дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа хусусиятҳои омодасозии ҳисоботи молиявӣ барои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) вуҷуд надоранд (с.52) ва коркард ва таҳияи шаклҳои мушаххаси ҳисоботи муҳосибӣ, ки тавонад нишондиҳандаҳои мухтасари низоми баҳисобгирии муҳосибии онҳоро инъикос кунад, амри зарурӣ мебошад (с. 57).

Дар боби дуюми диссертатсия "Ташкили баҳисобгирӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)" диссертант бевосита ба масъалаҳои методологияи баҳисобгирӣ ва низоми назорати дохилӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), баҳисобгирии муҳосибии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) тибқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, ҳолати муосири баҳисогирии муҳосибӣ ва пешниҳоди ҳисобот дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Методикаи баҳисобгирии хароҷоти асосӣ барои ободонии замин коркард ва пешниҳод карда шудааст (с. 66), беҳтар нигоҳ доштани сифати

он, оқилона истифода бурдани ҳар як порчаи замин мусоидат карда, заминаҳои устуворро барои бомуваффақият ба амал баровардани ислоҳоти замин дар ҷумҳурӣ таъмин мекунад. Дар боби мазкур (саҳ.73) муаллиф дар он ақида мебошад, ки назорати дохилӣ риояи талаботи қонунгузории соҳаи ҳисобдорӣ ва сиёсати ҳисобдориро бояд дар бар гирад. Татбиқи назорати дохилӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ маҷмуи чорабиниҳоеро дар бар мегирад, ки тамоми самтҳои фаъолияти хоҷагиҳои мазкурро фаро мегиранд. Консепсияи муаллифӣ дар бораи робита ва пайдарҳамии унсурҳои методикаи низоми назорати дохилӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ дар расми 2.2 саҳифаи 74 оварда шудааст.

Дар рафти таҳқиқот маҷмӯи омилҳои ба татбиқи талаботи СБҲМ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ омӯхта шуда, тартиби дар ҳисобгирӣ инъикос намудани арзиши одилонаи дороиҳои биологӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ пешниҳод карда шуда, методикаи инъикоси дороиҳои биологии барҳамдодашуда ва фурӯхташуда дар низоми баҳисобгирии муҳосибии хоҷагиҳои деҳқонӣ таҳия карда шудааст (саҳ. 89-90). Инчунин, дар асоси омӯзиши таҷрибаи субъектҳои бахши кишоварзӣ шаклҳои ҳисоботпешниҳод карда шудааст, ки возеҳият ва якрангӣ дар ташкили баҳисобгирӣ таъмин менамояд (с. 106-107). Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда тасдиқ мекунанд, ки дар айни замон методологияи ягонаи аз ҷиҳати илмӣ асосноки баҳисобгирии баҳисобгирии муҳосибии хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчун системаи таъминоти иттилоотии идоракунӣ вуҷуд надорад, ки ин яке аз сабабҳои дар сатҳи паст қарор доштани самаранокии механизми идоракунии натиҷаҳои молиявии хоҷагиҳои деҳқонӣ мухталиф мебошад.

Дар боби сеюми диссертатсия “Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)” номида шудааст, ки дар он диссертант масъалаҳои танзими давлатии фаъолияти

соҳибкории хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), рушди методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), такмили ҷараёни баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-ро мариди таҳлил қарор додааст.

Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки механизми танзими давлатии хоҷагиҳои деҳқонӣ воситае мебошад, ки тавассути он муносибатҳои истеҳсолию иқтисодӣ ва сиёсати давлатӣ дар бахши кишоварзӣ ба ҳисоб меравад, ва дисенртант механизми танзими давлатии хоҷагиҳои деҳқониро коркард ва пешниҳод кардааст (с. 112). Роҳҳои танзими давлатии хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки дастгирии молиявиро фаро гирифта, ба ҳалли як қатор мушкилоти ташкилию ҳуқуқӣ, молиявию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ равона шудааст, пешниҳод карда шудааст (с.115). Дар диссенртатсия нақшаи ҳисобҳои кории баҳисобгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки якчанд объектҳои баҳисобгириро муттаҳид мекунад пешниҳод карда шуда (с. 129-131), ведомости баҳисобгирии маҳсулоти тайёр, иҷроиши корҳо, хизматҳои расонидашуда таҳия карда шудааст (с. 132). Вобаста ба унсурҳои заминавӣ, вазифавӣ ва танзимкунии баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ амсилаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ коркард шудааст (с. 138). Дар диссертатсия вобаста ба рақамикунонии иқтисодиёт амсилаи авторматикунонидашдуаи пешбурди баҳисобгирӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ таҳия карда шудааст (с. 140). Ҷараёни баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) аз руйи панҷ марҳила коркард шудааст, ки дар расми 3.5 оварда шудааст. (саҳ. 148). Инчунин дар зербоби 3.3 вобаста ба баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ва сабткунакҳои муносиби бақайдгирии иттилооти аввалия коркард ва таҳия гардиданд.

Дар хулоса ва пешниҳодот натиҷаҳои таҳқиқотии диссертатсия ва тавсияҳои хусусияти назариявӣ ва амалидошта, нишон дода шудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили илмию амалии бисёрсолаи муаллиф доир ба ҷанбаҳои гуногуни рушди баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-ро фаро гирифтааст. Баъзе коркардҳо ва тавсияҳои пешниҳодгардида ҳангоми мукаммалгардонии заминаҳои меъёрии баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шаванд, инчунин ба корхонаҳои соҳаҳои кишоварзӣ имконият медиҳанд, ки барои мукамалгардонии амсилаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ корҳоро пеш баранд.

Аҳамияти иқтисодӣ натиҷаҳои диссертатсия дар он аст, ки пешниҳодҳои оварда шуда метавонанд барои мутобиқ намудани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ба СБҲМ ва такомули он мусоидат намоянд, ки низоми мазкур ба фаъолияти минбаъдаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) муфид бошад. Фаъолияти усутвори корхонаҳои кишоварзӣ ба зиёд шудани истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ алоқаманд, даромади буҷети давлатӣ, рушди соҳибкории инфиродӣ, зиёд гардидани ҷойҳои нави корӣ ва паст кардани сатҳи бекории аҳолӣ мусоидат менамояд, инчунин амнияти озуқавории мамлакатро таъмин менамояд.

Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия. Муқаррароҳои диссертатсия ва аҳамияти иҷтимоӣ ба ташкили боғҳои нав, азхудкунии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ баромада ва ба ин васила ба зиёдшавии ҷойҳои нави корӣ, қонеъ гардонидани талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат мекунад. Ҳамчунин, имконият фароҳам оварда мешавад, ки иқтисодиёти минтақаҳо ва деҳот баланд бардошта шавад.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 24 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 8,19 ҷ.ч. нашр гардидааст, ки аз онҳо 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи таҳризшаванда ба меъёрҳои бо бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) тасдиқшудашуда ҷавобгӯ буда, муқаддима ва бахшҳои он – мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, фарзияи илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти диссертатсион, сарчашмаи маълумоти таҳқиқоти диссертатсионӣ, даврахо ва пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот оид ба мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми он ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро ифода намуда, ҷиҳатҳои муҳими онро инъикос менамоянд. Меъёрҳои дигари диссертатсия вобаста ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвал ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ риоя гардидаанд.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқотиро пурра дар бар гирифта, мутобиқ ба талботи мавҷуда таҳия гардидааст.

Арзёбии моҳияти диссертатсия, сатҳи комилии он, эродҳо доир ба шаклгирии диссертатсия

Дар диссертатсияи таҳқиқшаванда ба назари муқарриз баъзе носаҳеҳиҳо мавҷуд аст, ки дар умум сифати илмии корро коста намегардонад, аз ҷумла:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия номи на ҳаммаи олимоне, ки вобаста ба мавзуи диссертатсия таҳқиқот гузаронидaнд нишон дода нашудааст, ин чунин дар руйхати адабиётҳо низ чунин камбудӣ ҷой доранд;

2. Дар боби якуми диссертация хуб мешуд агар диссертант сохтори хоҷагиҳои деҳнонӣ (феремерӣ)- ро мувофиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба такия ба дабиётҳои соҳаи кишоварзӣ кушода нишон медод;

3. Дар боби дуюми диссертатсия хуб мебуд агар диссертант роҳҳои такмили ҳисоби истеҳлоки воситаҳои асосиро дар хоҷагиҳои деҳнонӣ (феремерӣ) ва такмили онро кушода нишон медод;

4. Дар боби дуюми диссертатсия, хуб мебуд агар диссертант тартиби ташкил ва такмили муайян кардани фоида ва тақсимоти онро байни саҳмдорон дар хоҷагиҳои деҳнонӣ (феремерӣ) дар намудаи ягон модел (тамсилаи иқтисодӣ-баҳисобгирӣ) бо такя ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекард;

5. Дар боби сеюми диссертатсия, ки бевосита ба такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳнонӣ (феремерӣ) бахшида шудааст, диссертант бояд ҳисобҳои амалиётии мушаххасро нишон медод;

6. Хулосаи диссертатсия хеле дар ҳаҷми кам оварда шудааст, хуб мешуд агар муаллиф аз мазмуну муҳтавои илмӣ, ки дар диссертатсия оварда шудаат, васеъ истифода карда, хулосаи корро мукаммал гардонад.

Дар умум эродҳои зикргардида, сатҳи илмии таҳқиқоти диссертатсиониро кам намекунад. Инчунин бояд қайд кард, ки диссертатсияи таълифнамудаи Бобомуродов Пайрав Хайриевич таҳқиқоти комил ва баанҷомрасида, маҳсуб ёфта, диссертатсия аҳамияти назариявию амалӣ дошта ва дар он мустақилияти муаллиф назаррас аст.

Хулосаи умумӣ. Диссертатсияи Бобомуродов Пайрав Хайриевич дар мавзӯи «Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» навишта шудааст, таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, ҷавобгӯ ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби

додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ҷавобгӯ буда, дар сатҳи зарурӣ омода гардидааст ва таҳқиқоти ба пуррагӣ анҷомрасида ҳисоб меёбад. Аз ин лиҳоз, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит мебошад.

Тақриздиҳанда

Мукарризи расмӣ, доктори фалсафа (PHD),
и.в. дотсенти кафедраи баҳисобгирии
бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Манучеҳри Н.Р.

Имзои доктори фалсафа (PHD), Манучеҳри Н.Р.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ С. Қодирзода

Суроғa: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.
Телефон: +992(37) 224-13-83, +992 98 711 9999
E-mail: nozimi@yandex.com
WWW: tgpu.tj, E-mail: info@tgpu.tj